**Курси бозомӯзии касбӣ бо ҷалби мутахассис аз хориҷи кишвар**

Дар доираи фаъолияти Маркази Тоҷикистону Кореяи Ҷанубӣ моҳи июни соли 2018 курси бозомӯзии касби оид ба сохтани Web – сайтҳо бо ҷалби мутахассис аз Кореяи Ҷанубӣ ташкил кардид, ки ба баланд бардоштани касбияти кормандон ва донишчӯён равона карда шуд. Профессори соҳаи ТИК ҷаноби ЧО Хюнҷун дар самти WEB-барномасозӣ тӯли 4 ҳафта аз санаи 18-уми июн то 13-уми июли соли 2018 барои 16 нафар омӯзгорону донишҷӯёни донишгоҳ дар ҳаҷми 160 соат машғулиятҳо гузаронида, шунавандагони он соҳиби сертификатҳо гардиданд. Дар ин курси бозомӯзӣ омузгорону донишҷӯёни ДТТ иштирок намуда донишу маҳрати касбии худро оид ба Web – барномасозӣ сайқал доданд.


